«Тасдиқ мекунам»

Ректори Муассисаи давлатии

таълимии «Донишгоҳи давлатии

Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров»

профессор Ҷӯразода Ҷ.Ҳ. ____________

# ХУЛОСАИ

## КАФЕДРАИ ЗАБОНИ ТОҶИКИИ ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ ТОҶИКИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»

Диссертатсияи Ҳикматуллоева Наимахон Анвархоҷаевна таҳти унвони «Робитаҳои дуҷонибаи забонҳои тоҷикиву англисӣ (дар сатҳи лексика)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ-типологӣ дар кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» ба анҷом расидааст.

Ҳикматуллоева Н. соли 2010 факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуровро бо ихтисоси Забони англисӣ хатм намудааст. Аз соли 2012 то ҳол дар кафедраи назария ва амалияи забони англисӣ ҳамчун омӯзгор фаъолият мебарад.

Роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҳасанзода А. мебошад.

Дар натиҷаи баррасии рисолаи диссертатсионии ӯ «Робитаҳои дуҷонибаи забонҳои тоҷикиву англисӣ (дар сатҳи лексика)» чунин хулосаҳо бароварда шуданд:

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ**. Дар диссертатсия мазкур якчанд масъалаҳои муҳим таҳқиқ ва натиҷагирӣ шудаанд. Аз ҷумла, рисола ҳалли вазифаҳои зеринро фаро гирифтааст:

-муайян намудани теъдоди умумии иқтибосҳои тоҷикиву англисӣ ва замони роҳёбии онҳо;

-ошкорнамоии вуҷуди иқтибосҳо дар даврони мухталифи инкишофи забонҳои тоҷикиву англисӣ;

-мушаххас кардани сабабҳо ва усулҳои воридшавии унсурҳои луғавии забонҳои тазаккурёфта ба якдигар;

-нишон додани гурӯҳҳои маъноии вожаҳои иқтибосии ин забонҳо;

-ошкорнамоии теъдоди ҳамвожаҳо дар даврони мухталифи инкишофи ҳар ду забон;

-муайян намудани нақши забонҳои дигар дар иқтибоси вожаҳои тоҷикӣ ба забони англисӣ ва англисӣ ба тоҷикӣ;

-нишон додани нақши забони тоҷикӣ дар роҳёбии калимаҳои забонҳои дигар ба таркиби луғавии забони англисӣ;

-ошкор кардани дараҷаи аз асли худ дурравии ин гуна иқтибосҳо аз нигоҳи сохтору маъно;

-сабабҳои дорогардии чунин иқтибосҳо ба сермувозигӣ.

**Аҳамияти назарии таҳқиқот**. Пажӯҳиши мазкур метавонад дар оянда дар ҳаллу фасли як силсила масоили назариявии марбут ба робитаи забонҳо ёрӣ расонад. Ҳамчунин ин рисола метавонад дар оянда барои рушди вожашиносии қиёсӣ ва муқоисавӣ-таърихӣ мусоидат намояд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки он метавонад барои таълими фанҳои тахассусии овошиносии таърихӣ, вожашиносии қиёсӣ, муқоисавӣ-таърихӣ мусоидат карда, ҳамчун мавод барои таълифи фарҳангномаҳои қиёсӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, луғатномаҳои тафсирӣ хизмат намояд. Ҳамчунин бахшҳои алоҳидаи рисолаи мазкурро метавон барои тадриси фанҳои тахассусӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои забоншиносии муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода кард.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар забоншиносии тоҷику англис хусусиятҳои корбурди калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар забони англисӣ ва англисӣ дар тоҷикӣ, афзун бар ин вуҷуди дастаи калони ҳамвожаҳои ду забони тазаккурёфта мавриди таҳлил қарор дода мешавад. Ҳамчунин дар заминаи маводи ҳар ду забон

нишон дода мешавад, ки чунин унсурҳои луғавӣ баъди дохилгардияшон ба муҳити нави забонӣ аз чанде вижагиҳои қаблии худ маҳрум шуда, дорои хусусиятҳои нав мегарданд, ба қонуну қоидаҳои забони иқтибосгардида мутобиқ мешаванд.

Дар диссертатсия бори нахуст вуҷуди теъдоди фаровони ҳамвожаҳо байни ҳар ду забони мавриди таҳлил ҷойдошта, сабаби камиву зиёдияшон дар даврони мухталифи инкишофи забонҳои англисиву тоҷикӣ нишон дода мешавад.

**Нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия инҳоянд**:

1. нақши унсурҳои иқтибосии ҳар ду забон дар такмили таркиби луғавии онҳо;

2. таснифоти маъноии вожаҳои иқтибосии забонҳои тоҷикиву англисӣ;

3. гурӯҳбандии чунин калимаҳо аз ҷиҳати мансубияташон ба ҳиссаҳои нутқ;

4. дараҷаи мутобиқати савтӣ, луғавӣ ва сарфию наҳвии иқтибосоти тоҷикиву англисӣ дар ҳар ду забони муқоисашаванда;

5. дараҷаи наздикӣ дурии иқтибосҳои тоҷикиву англисӣ ба аслашон ва сабабҳои чунин таҳаввулоти шаклӣ;

6. таҳаввулоти маъноии чунин воҳидҳои луғавӣ, аз сермаъноӣ ба маҳдудмаъноӣ ва, баръакс, аз маҳдудмаъноӣ ба сермаъноӣ майл намудани онҳо пас аз вурудашон ба забони дигар;

7. пайдоиши мувозиҳо пас аз роҳёбии ин гуна унсурҳои луғавӣ ва сабабҳои зуҳури чунин шаклҳо;

8. нишон додани сабабҳои кӯҳнагардии ин ё он вожа дар забони асл, вале побарҷомонии онҳо дар забони иқтибосгардида;

9. шарҳу тафсири тафовути замонӣ ва сабабҳои вуруди вожаҳои иқтибосии забонҳои тоҷикиву англисӣ;

10. нишон додани нақши забонҳои миёнарав дар иқтибоси калимаҳои ҳар ду забон;

11. муайян намудани теъдоди ҳамвожаҳо дар байни забонҳои тоҷикиву англисӣ;

12. гурӯҳбандии чунин ҳамвожаҳо аз нигоҳи маъно.

**Мақолоте, ки аз рӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба нашр расидаанд:**

**а) мақолаҳо дар маҷаллаҳои тавсиякардаи КОА-и назди**

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

1. Ҳикматуллоева Н.А. Нақши вомвожаҳои англисӣ дар калимасозии забони адабии тоҷикӣ / Н.А.Ҳикматуллоева//Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд. Забоншиносӣ –Хуҷанд, 2018. - № 3(56). –С. 116-121.
2. Ҳикматуллоева Н.А. Сарнавишти чанд вожаи фаромӯшшудаи тоҷикиасл дар забони англисӣ / Н.А.Ҳикматуллоева // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Забоншиносӣ – Хуҷанд, 2019. - № 1(78). – С.143-149.
3. Ҳикматуллоева Н.А. Феълҳои ҳамреша дар забонҳои тоҷикиву англисӣ / Н.А. Ҳикматуллоева // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. Забоншиносӣ – Душанбе, 2019. -№ 4(81). – С. 79-92

**б) мақолаҳо дар дигар маҷаллаю маҷмӯаҳои илмӣ:**

4. Ҳикматуллоева Н.А. Калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар забони англисӣ / Н.А. Ҳикматуллоева //Сунъи беҳин (маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба 60-солагии номзади илмҳои филологӣ, дотсент Савринисо Ғанизода). –Хуҷанд, 2017. –С.283-288.
5. Ҳикматуллоева Н.А. Хусусиятҳои корбурди вожаҳои иқтибосии англисӣ дар забони тоҷикӣ / Н.А. Ҳикматуллоева // Чашмаи бовар (бахшида ба фаъолияти илмиву эҷодии номзади илмҳои филологӣ, дотсент Мавҷуда Ӯрунова). –Хуҷанд, 2017. –С.277-282.
6. Ҳикматуллоева Н.А. Умумият ва тафовути ҳифозати ҳамвожаҳои тоҷикиву англисӣ / Н.А. Ҳикматуллоева // Саодати рӯзгор (маводи конференсияи илмӣ бахшида ба 70-солагии дотсенти кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисӣ Неъматуллоева Мавлуда Неъматовна). –Хуҷанд, 2019. –С.382-391.
7. Ҳикматуллоева Н.А. Иқтибосгардии вожаҳои забонҳои дигар ба воситаи забони тоҷикӣ. / Н.А. Ҳикматуллоева //Уфуқи андеша. Ҷилди 5-ум. Маҷмӯаи мақолаҳои илмии олимони ҷавон, докторантон (PhD) ва магистрантон. – Хуҷанд: Ношир, 2020. С.183-195.

Кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» диссертатсияи Ҳикматуллоева Наимахон Анвархоҷаевнаро кори илмии бaaнҷомрасида ва мубрам меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълиф шудааст ва ба ҳама талаботҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст. Дар ин замина диссертатсияи мазкурро ба сексияи забоншиносӣ ва дифоъ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ-типологӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия менамояд.

Иштирок доштанд: 12 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 12 нафар, “зид” – 0, “бетараф” – 0

Қарори №4 аз 24 ноябри 2019

**Раисикунандаи ҷаласаи кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” доктори илмҳои филологӣ, профессор: __________________ Шокиров Т.С.**

**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, микроноҳияи 12,**
**хонаи 7, ҳуҷраи 1**
**Тел: +(992)918639965**
**E-mail: mutabar–1977@mail.ru**

**Имзои Шокиров Т.С. тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳои МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” ______________ Ашрапова З.Н.**

**Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд,**
**гузаргоҳи Мавлонбеков №1**
**тел: +(992)927388887**
**E-mail: ddhkadr@mail.ru**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС